**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И.
________________________________
«_28_» ___06___________ соли 2023

# Хулосаи

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Нурова Зведамо Сафаровна дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-грамматикии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.

Нурова Зведамо Сафаровна соли 1991 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷӯраев (ҳоло Садриддин Айнӣ)-ро бо ихтисоси муаллими «Забони немисӣ-педагогика» хатм намудааст.

Мавсуф ба ҳайси унвонҷӯ ба кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 28. 02. 2020, таҳти рақами №8/62 қабул шудааст.

**Роҳбари илмии унвонҷӯ** – Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович, доктори илми филология, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад.

Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокима дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ ва забони олмонии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ чунин натиҷа ҳосил гардид:

Диссертатсияи Нурова Зведамо Сафаровна таҳқиқоти арзишманди илмӣ маҳсуб ёфта, он ба яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавӣ бахшида шудааст. Мубрамии рисола дар он зоҳир мегардад, ки истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва судманд буда, дар забоншиносии тоҷик дар муқоиса бо забонҳои дигар ба таҳқиқи он камтар таваҷҷуҳ шудааст. Лозим ба ёдоварист, ки дар баъзе монографияву рисолаҳо, ки ба таҳқиқ ё тавсифи истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои муқоисашаванда бахшида шудаанд, мавзуи фавқ аз нуктаи назари типологӣ таҳлилу баррасӣ нашудааст.

Ба сифати асосҳои назариявӣ дар диссертатсияи мазкур таҳқиқот ва корҳои методологии масъалаҳои номбурда дар пажуҳишҳои забоншиносони барҷаста ба монанди Р. Ғаффоров, Ш. Ниёзӣ, Н. Маъсумӣ, Д.Т. Тоҷиев, Ш. Рустамов, М. Шукуров, Д. Саймиддинов, М.Н. Қосимова, Б. Камолиддинов, Д. Хоҷаев, А. Мамадназаров, М. Ҳ. Султон, С. Назарзода, П. Нуров, Ҳ. Саидов, Ш. Каримов, С. Ҷоматов ва дигарон истифода шудаанд.

Навгонии мавзуи таҳқиқ дар он аст, ки: а) бори аввал маводи муқоисавии истилоҳоти забоншиносии забонҳои тоҷикиву олмонӣ мавриди таҳлили лингвистӣ қарор мегирад; б) маводи нави истилоҳоти «забоншиносӣ» ҷамъоварӣ шуда, ба истифодаи умум, аз ҷумла ба аҳли илм пешниҳод мегардад. Дар диссертатсия бори нахуст хусусиятҳои сохторӣ-семантикии истилоҳоти забоншиносии забонҳои тоҷикиву олмонӣ муайян ва таҳқиқ шуда, зимни таҳлилу баррасии мавзуъ дараҷаи тарҷума ва ифодаи истилоҳот аз забони олмонӣ ба тоҷикӣ ва ё баръакс вобаста аз зарурати таҳлил нишон дода мешавад.

Бо назардошти дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ ва аҳамияти таҳқиқи истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ ҳадафи асосии таҳқиқ тарҳрезӣ шуда, барои ба ҳадаф расидан вазифаҳои зерин пешбинӣ ва ба иҷро расидаанд:

- муайян намудани вижагиҳои мафҳумҳои «истилоҳ», «истилоҳшиносӣ» дар забоншиносӣ;
- муқаррар намудани сарчашмаҳои ташаккул ва такомули истилоҳоти «забоншиносӣ»-и забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ;
- таҳлили муқоисавии истилоҳоти марбути «забоншиносӣ» аз ҷиҳати сохтор;
- таҳлили луғавӣ-маъноии истилоҳоти «забоншиносӣ» дар ҳар ду забон;
- ошкор намудани роҳҳо ва воситаҳои асосии созмони истилоҳоти «забоншиносӣ»;
- муайян намудани усулҳои асосии истилоҳнигорие, ки дар созмони истилоҳоти «забоншиносӣ»-и забонҳои муқоисашаванда нақш доранд.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар 19 мақола, 1 китоби дарсӣ ва 2 фарҳанг рӯйи чоп омаданд, ки аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

**Руйхати мақолаҳои нашршудаи муаллифи диссертатсия, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА - и Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ба табъ расидаанд, аз инҳо иборатанд:**

[**1-М**] Нурова З.С. Роҳҳои корбурди вожагони иқтибосӣ дар забонҳои лотинӣ ва олмонӣ/З. Нурова [Матн] // Паёми ДДОТ, № 1 (84), 2020. – С. 69-73 **ISSN 2219-5408**

[**2-М**] Нурова З.С. Нигоҳи забоншиносон роҷеъ ба таърихи луғатнигорӣ дар забони олмонӣ/З. Нурова [Матн] // Паёми ДДОТ, № 2 (85), 2020. – С. 61-64. **ISSN 2219-5408**

[**3-М**] Нурова З.С. Нақши калимасозӣ дар ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забони олмонӣ/З. Нурова [Матн] // Паёми ДДОТ, № 6 (89), 2020, – С. 111-114. **ISSN 2219-5408**

[**4-М**] Нурова З. Восита ва роҳҳои сермаҳсули калимасозӣ дар забони адабии ҳозираи олмонӣ/З. Нурова [Матн] // Паёми ДДОТ, № 2 (91), 2021. – С. 65-70. **ISSN 2219-5408**

[**5-М**] Нурова З. Шарҳи мухтасари мафҳуми истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар фарҳангҳои соҳаи забоншиносӣ/З. Нурова [Матн] // Паёми ДДОТ, № 6 (95), 2021. – С. 87-90. **ISSN 2219-5408**

[**6-М**] Нурова З.С. (бо ҳаммуаллифӣ). Падидаи тазоддии истилоҳоти сарфии забонҳои муқоисашаванда / З. Нурова, С. Ҷаматов [Матн] // Ахбори Академияи Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон №4 (269), 2022. – С. 232 - 236

**Руйхати мақолаҳои нашршудаи муаллифи диссертатсия, ки дар маҷмуа ва маҷаллаҳои дигар чоп шудаанд:**

[**7-М**] Нурова З.С. Сухане чанд роҷеъ ба таърихи пайдоиши пешояндҳо дар забони олмонӣ/З. Нурова [Матн] // Маводи конференсияи байналмилаллии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Масъалаи мубрами забоншиносӣ, тарҷума ва усули таълими забонҳои хориҷӣ дар мактаби олӣ» ( 2018) – 3 с.

[**8-М**] Нурова З.С. (бо ҳаммуаллифӣ). Пешояндҳои ифодакунандаи замон дар забони олмонӣ/З. Нурова, З. Раҷабалӣ [Матн] // Маводи конференсияи байналмилаллии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Усулҳои муосири таълими забон ва адабиёти рус дар шароити бисёрфарҳангии таҳсилот» (30 - 31-уми октябри соли 2018). – С. 191-194

[**9-М**] Нурова З.С. Ихтисора яке аз роҳҳои калимасозӣ дар забони олмонӣ/З. Нурова [Матн] // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» бахшида ба 80

солагии таъсисёбии факултети забонҳои хориҷӣ ва амалгардонии «Барномаи давлатии омӯзиш ва такмили забонҳои русӣ ва англисӣ барои солҳои 2015-2020» (30 марти соли 2020) ДДОТ ба номи С. Айнӣ, – Душанбе: 2020. – С. 193-196

[**10-М**] Нурова З.С. (бо ҳаммуаллифӣ). Ташаккул ва таҳаввули калимасозӣ дар забони олмонии қадим/З. Нурова, М. Сафаров [Матн] // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ таҳти унвони «Муносибати босалоҳият дар ташаккули маҳорати нутқи омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба 90-ум солгарди таъсисёбии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва 80-умин солгарди таъсисёбии факултети забонҳои романӣ-германӣ (16-17 ноябри соли 2020) ДДОТ ба номи С.Айнӣ, – Душанбе: 2020. – С. 99-103. **УДК 372·8:802/809**

[**11-М**] Нурова З.С. (бо ҳаммуаллифӣ). Масъалаи калимасозӣ аз дидгоҳи забоншиносони хориҷӣ ва муайян намудани роҳҳои корбасти он/З. Нурова, М. Сафаров [Матн] // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмиллалӣ таҳти унвони «Муносибати босалоҳият дар ташаккули маҳорати нутқи омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба 90-ум солгарди таъсисёбии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва 80-умин солгарди таъсисёбии факултети забонҳои романӣ-германӣ (16-17 ноябри соли 2020) ДДОТ ба номи С.Айнӣ, – Душанбе: 2020. – С. 103-105. **УДК 372·8:802/809**

[**12-М**] Нурова З.С. (бо ҳаммуаллифӣ). Нигоҳе ба таърихи пайдоиши вожагони иқтибосӣ аз дигар забонҳо ба забони олмонӣ/З. Нурова, М. Сафаров [Матн] // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ва лингводидактика дар заминаи муоширати байнифарҳангӣ» бахшида ба 90 солагии таъсисёбии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва 50 солагии таъсисёбии кафедраи забонҳои хориҷии умумидонишгоҳӣ (30 октябри соли 2021) ДДОТ ба номи С. Айнӣ, – Душанбе: 2021. – С. 282- 285. **УДК 809/155/008 ББК 81+71 тоҷик Ғ – 41**

[**13-М**] Нурова З. Андешаи забоншиносони дохиливу хориҷӣ перомуни истилоҳи сарф (морфология) дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ /З. Нурова [Матн] // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷумашиносӣ, адабиётшиносӣ ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар мактабҳои олӣ» ба ифтихори ба 90 солагии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва 25 – солагии таъсисёбии

кафедраи назарияи тарҷума ва услубшиносӣ (10-11 декабри соли 2021) ДДОТ ба номи С. Айнӣ – Душанбе: 2021, – С. 99-100.

[**14-М**] Нурова З.С. Падидаи сермаъноӣ дар истилоҳоти сарфии забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ/З. Нурова [Матн] // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Забони миллӣ - оинаи пурҷилои таърих» бахшида ба «Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (3-юми октябри соли 1922), ДДОТ ба номи С. Айнӣ, – Душанбе: 2022, – С. 117-121. **ТДУ 809.155.0 (063.3) ТКБ 81.2 Тач М – 13**

[**15-М**] Нурова З.С. Падидаи муродифотӣ дар истилоҳоти мансуби морфологияи забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ/З. Нурова [Матн] // Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба амалгардонии «Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ барои солҳои 2021-2030») ДДОТ ба номи С. Айнӣ, – Душанбе: 2022. – С. 105 - 107

[**16-М**] Нурова З.С. (бо ҳаммуаллифӣ). Падидаи омонимия дар истилоҳоти мансуби морфологияи забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ/З. Нурова, С. Ҷаматов [Матн] // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Рушди забони давлатӣ дар партави гуфтугӯи фарҳангҳо» бахшида 30 солагии барқарор шудани муносибатҳои дипломатии миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Фаронса ДДОТ ба номи С. Айнӣ, – Душанбе: 2022, – С. 81-84 **ТДУ 809.155.0:008 (063) ТКБ 81.2 Тоҷ+71 Р - 95**

[**17-М**] Нурова З.С. Нақши истилоҳоти иқтибосии наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ/З. Нурова [Матн] // Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳурӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, забоншиносӣ, назария ва амалияи тарҷума» бахшида ба «Рӯзи байналмиллалии забони давлатӣ» ва амалигардонии «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (21-уми феврали соли 2023) ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023. – С. 96 - 97

[**18-М**] Нурова З.С. Таҳлили сохтории истилоҳоти мансуби аъзоҳои ҷумла дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ/З. Нурова [Матн] // Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии байналмиллалӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами филология ва методикаи ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯён аз забонҳои хориҷӣ»(20-22 майи соли 2023) ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023. – С. 131-133

[**19-М**] Нурова З.С. (бо ҳаммуаллифӣ). Нақш ва ҷойгоҳи истилоҳоти наҳв дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва олмонӣ/З. Нурова, С.С. Ҷаматов [Матн] // Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии байналмиллалӣ бахшида ба «Ҷашни Наврӯзи байналмиллалӣ» ва амалигардонии

«Барномаҳои давлатии такмили таълим ва омӯзиши забони русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (11-уми марти соли 2023) ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023. – С. 135-137

**Китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ**

1. Нурова З. Луғати мухтасари тоҷикӣ-олмонии истилоҳоти забоншиносӣ / З. Нурова, Н. Шозедов // ДДОТ, Душанбе, 2010. – 69 саҳ. **ББК Я2 81.2 нем + 81.2 (2тоҷик) Ш – 78**
2. Нурова З.С. Грамматикаи забони адабии ҳозираи олмон (китоби дарсӣ) / З. Нурова, Н. Шозедов, М. Сафаров // ДДОТ, 2019. – 172 с. **ББК Я 73 81.2 нем Ш-78**
3. Нурова З.С. Луғати истилоҳоти забоншиносӣ/З. Нурова, М.Р. Сафаров, Н. Шозедов // ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2023. – 259 с. **ТКБ 81.3 Нем + 81.3 Тоҷ + 81.3 Ру (91) Р-92**

Диссертатсияи Нурова Зведамо Сафаровна дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-грамматикии истилоҳоти забоншиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ» ба талаботи низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таърихи 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

Ҷаласаи муштараки кафедраҳои забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ ва забони олмонии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи Нурова Зведамо Сафаровнаро кори илмии ба анҷомрасидаи мубраму муҳим меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф гардидааст ва ба ҳамаи талаботҳо ҷавобгӯ аст.

Хулоса дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ ва забони олмонии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул шудааст. Дар ҷаласаи кафедра 23 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 23 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.
Суратҷаласаи № 10 аз 23 -уми июни соли 2023.

Мудири кафедраи забоншиносӣ ва
типологияи муқоисавии Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ,
н.и.ф., дотсент Асламов Ҳикматулло Акбархонович

Мудири кафедраи забони олмонии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ,
н.и.ф., дотсент Ғиёсов Фаридун Нуриддинович

Котиби ҷаласа Тоҷиева Фурӯғ Рустамбоевна

Имзоҳои Ҳ.А. Асламов, Ф.Н. Ғиёсов ва Ф.Р. Тоҷиеваро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ, Мустафозода Абдукарим

**Нишонӣ:** 734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Донишгоҳи давлатии омӯзгорииТоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Тел.: +992 372251483
Факс: +992 2241383
Сомона: www.tgpu.tj

23.06.2023